# Тақризи

## роҳбари илмӣ ба рисолаи Зокиров С. дар мавзӯи: «Нақши арзишҳои маънавӣ дар фазои дигаргуниҳои фарҳангии ҷомеаи муосири Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ

Дар баробари кӯшиши беҳтарсозии вазъи ҳаёти моддии хеш инсон инчунин бо талошу ҷаҳд таваҷҷӯҳ ба ташаккули вуҷуди маънавияшро аз мадди назар канор нагузоштааст. Чунин ҷаҳду талошҳо хусусан дар давраҳое ба авҷи баланд сурат гирифтааст, дар ҷомеа бо зуҳури муносибатҳои нави ҷамъиятӣ инсон хоҳу ноҳоҳ ба мадори онҳо кашида шуда, муносиб ба он аз ӯ интихоби як шакли рафтор бар ивази намунаҳои пештар вуҷуддошта тақозо мегардад. Дар ин маврид афрод маҷбуранд оид ба муҳтавои арзишҳои ташаккулдиҳандаи ҷаҳонфаҳмияшон ва зарурияти интихоби намунаҳои нави рафтори иҷтимоияшон фикру андеша кунанду ба дурустии интихоби кардаашон эътимод пайдо намоянд. Ин ҳолат хеле мураккаб ҷараён мегирад ва аз инсон иродаи матину устувориро бо такя аз арзишҳои маънавӣ талаб дорад. Ҳузур доштан ё надоштани чунин сифатҳо дар баробари дигар авомили объективӣ дар паси омилҳои дигаргуншавии мақоми иҷтимоии инсон ва ташаккули мавқеи ӯ ба арзёбии падидаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ қарор мегирад. Аз ин рӯ чунин вазъиятро аксари муҳаққиқон возеҳу дилпурона барои ҳаёти ҷамъиятию фардӣ хеле тақдирсоз ва меҳварӣ мешуморанд.

Ҳаёти ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди дигаргуниҳои солҳои истиқлолиятёбияш маҳз чунин марҳиларо аз сар гузаронида истодааст. Муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар ин замина ташаккул ёфта истодаанд хеле мураккабу печидаанд ва таъсирашон муҳити ҳаётии одамон низ гуногун зоҳир мегардад. Ин равандро дарк ва таҳлил намудан фъолияти илмии густурдаро тақозо менамояд. Хусусан илмҳои фалсафӣ, ҷомеашиносӣ, фарҳангшиносӣ ва ғайра дар самт

пештозтаранд ва ҳамдигарро аз бисёр ҷиҳат тақвият мебахшанд. Зеро таваҷҷӯҳи онҳо ба арзишҳои маънавӣ имконият медиҳад, ки инсонро на танҳо ҳамчун объекти ин дигаргуниҳою муносибатҳои ҷамъиятӣ, балки дар манзалати субъекти онҳо мадди назар биоварем.

Сайъу талоши пешгирифтаи Зокиров Суҳроб дар рисолааш барои таҳқиқи ин масъала дар мисоли ҷомеаи тоҷикистонӣ хеле саривақтӣ ва назари илмӣ пурарзиш аст. Мавсуф дар ибтидо хеле дақиқ таъкид менамояд, арзишҳои маънавии ҷомеа дар ҳама ҳолатҳо маҳз дар заминаи фаъолияти гуногунҷанбаи инсон зоҳир мешаванд ва бояд дар ҳамин қарина мавриди омӯзиш қарор гиранд. Чунин мавқеъгирии методологии таҳқиқот ба ӯ имконят додааст, ки масъаларо хеле возеҳу асоснок пажуҳиш намояд ва ба натиҷаи дилхоҳ ноил гардад.

Аз дидгоҳи муаллиф арзищҳои маънавӣ зимни фаъолияти инсон дар ташаккули шахсияти ӯ саҳм мегиранд ва барои таъмини иштирокаш дар равандҳои ҷамъиятӣ мусоидат менамоянд. Бинобар ин ҳар қадар мақсади фаъолияти инсон бо ҳадафҳои умумии рушди ҷомеа ҳамоҳанг бошад суботу пешрафти он низ ҳамон қадар устувору инсонмеҳвартар мегардад. Аз мадди назар дӯр кардани чунин авомили боиси зуҳури амалҳои суботзудойӣ ва арзишгусехтагӣ дар ҷомеа мегардад, ки онро муҳаққиқон аномия меноманд. Зокиров С. ин паҳлуҳои масъаларо аз дидгоҳи фарҳангшиносӣ бо такя аз маводи мушаххаси амалӣ таҳлил карда, шарти ислоҳи онҳоро пешниҳод менамояд.

Ҳамин тавр, аз таҳлили рисолаи мазкур бармеояд, ки муаллиф дар самти таҳқиқи яке аз масоили баргузидаи фарҳангшиносии муосир , яъне мақоми арзишҳои маънавӣ дар ҷомеаҳои тағйирёбанда, кори муайяни шоистаи дастгириро анҷом додааст. Манобеи истифода намудааш аз сарчашмаҳои бунёдӣ ва мӯътабари илмӣ аст, ки ин аз қобилияти мустақилона пеш бурдани таҳқиқи илмӣ аз ҷониби ӯ гувоҳ медиҳад. Муаллиф вобаста ба мавзуи кори илмияш мақолаҳои бешумор дар

маҷаллаҳои мӯътабари илмӣ интишор дода, дар анҷуманҳои илмӣ баромаду гузоришҳо кардааст. Бо такя аз қазовати мазкур ҳамчун роҳбари илмӣ натиҷаҳои ба даст овардаи диссертантро мусбат арзёбӣ намуда, онро барои ҳимоя аз рӯи самти «фалсафаи иҷтимоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа  аз руи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ тавсия менамоям.

**Доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Усмонзода Х.У.**
**узви вобастаи АМИТ**

**Имзои Усмонзода Х.У.-ро  тасдиқ мекунам.**
**Сардори шуъбаи кадрҳои Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Шодиева З.Д.**